**Вазорати маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи**
**Садриддин Айнӣ**

**Раҳмонов А.А., Самиев Б.Ҷ., Сулаймонов И.О.**

# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ
# ОИД БА ТАҲИЯИ КОРИ КУРСӢ

**Душанбе – 2013**

## Мундарича


| | | |
|---|---|---|
| 1. | Муқаддима………………………………………………. | 3 |
| 2. | 1. Талабот ба иҷрои кори курсӣ…………………………. | 4 |
| 3. | 1.1. Мавзуъҳои кори………………………………………. | 4 |
| 4. | 1.2. Вазифаҳои устоди роҳнамо дар таҳияи кори курсӣ | 5 |
| 5. | 1.3. Вазифаҳои донишҷӯ, зимни иншои кори курсӣ….. | 5 |
| 6. | 1.4. Ҳаҷми кори курсӣ…………………………………… | 6 |
| 7. | 1.5. Марҳалаҳои асосии таҳияи кори курсӣ……………. | 7 |
| 8. | 1.6. Сохтори кори курсӣ……………………………….. | 7 |
| 9. | 2. Таркиби кори курсӣ ва мундариҷаи мухтасари бахшу бобҳои асосии он………………………………. | 8 |
| 10. | 2.1. Усули навиштани муқаддимаи кори курсӣ……… | 8 |
| 11. | 2.2. Моҳият ва мундариҷаи бобҳо ва фаслҳои асосии кор………………………………………………………… | 9 |
| 12. | 2.3. Тарзи навиштани хулосаи кори курсӣ…………….. | 9 |
| 13. | 2.4. Тартиби таҳияи феҳристи адабиёт………………….. | 9 |
| 14. | 3. Меъёрҳои техникии таҳияи кори курсӣ……………… | 10 |
| 15. | 4. Ташкили дифои кори курсӣ…………………………… | 11 |
| 16. | 5. Баҳодиҳӣ ба кори курсӣ……………………………... | 12 |
| 17. | 6. Оид ба нигоҳдорӣ ва ҳифзи кори курсӣ……………… | 12 |
| 18. | Адабиёти истифодашуда………………………………… | 13 |
| 19. | Замимаи №1 - Аризаи донишҷӯ………………………… | 14 |
| 20. | Замимаи №2 - Намунаи варақаи унвонӣ……………….. | 15 |
| 21. | Замимаи №3 - Намунаи нақшаи кори курсӣ…………… | 16 |
| 22. | Замимаи №4 - Намунаи тақризи омӯзгор ба кори курсӣ……………………………………………………… | 18 |
| 23. | Замимаи №5 - Суратҷаласи дифои кори курсӣ……….. | 19 |
| 24. | Замимаи №6 - Намунаи тавсияи феҳристи адабиёт…… | 20 |

## Муқаддима

Кори курсӣ яке аз шаклҳои муҳимми пешбурди фаъолияти илмӣ- тадқиқотии донишҷӯён ба ҳисоб рафта, таҳти роҳбарии омӯзгор дар кафедра ба иҷро мерасад. Зимни иншои кори курсӣ донишҷӯён ба аввалин малакаҳои кор бо адабиёти илмӣ, ҷамъоварии мавод, таҳияи нақшаи мавзӯъ, таҳлил ва таснифи мавод соҳиб мегарданд ва оид ба корҳои басомонрасонида хулосаҳои илмӣ бароварданро меомӯзанд.

Хусусиятҳои муҳимтарини кори курсӣ инҳо мебошанд:

- кори курсӣ бояд аз тарафи донишҷӯ мустақилона навишта шавад;
- нуқтаи назари муҳаққикони мавзӯъ дар кор дарҷ гардад ва мавқеи муаллиф нисбат ба мулоҳизаҳои тадқиқгарон равшан инъикос ёбад;
- усулҳои таҳлил, таснифу муқоиса дар он ҳатман мавриди истифода қарор гирад;
- ба донишу малакаи донишҷӯ баҳои ҳаққонӣ дода шавад;
- таҳияи кори курсӣ барои рушди минбаъдаи фаъолияти илмию тадқиқотии донишҷӯ мусоидат карда тавонад;
- кори курсӣ бояд аз гурӯҳи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешниҳод шавад;
- кори курсӣ бояд хусусияти реферативӣ надошта бошад.

Дар нақшаҳои таълимии заминавии бакалавриат ва магистратура миқдори кори курсӣ барои ихтисосҳо дар курс ва семестри муайян ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Зарурияти иншои кори курсӣ дар «Низомнома оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тариқи зайл таъкид ёфтааст: « Иҷрои лоиҳа ва кори курсӣ дар нақшаҳои таълим аз гурӯҳи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешбинӣ мешавад». Ҳамчунин дар санади мазкур зикр мешавад, ки «Омодасозӣ ва ҳимояи лоиҳа ва кори курсӣ дар як даври академӣ (семестр) анҷом меёбад».

Ин талабот чунин маъно дорад, ки аз оғози давраи академӣ (нимсола) ба донишҷӯ имконият дода мешавад, ки озодона яке аз мавзуъҳои пешниҳоднамудаи омӯзгори кафедраро интихоб намояд. Пас аз ҳафтаи аввали номнавис шудан вай вазифадор аст, ки зери роҳбарии устод барои иншои кори курсӣ ба фаъолият шурӯъ намояд.

Дастури методии мазкур барои истифода ба омӯзгорони кафедраҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ, ки ба иншои кори курсӣ сарукор доранд ва барои донишҷӯёну магистрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки бевосита кори курсӣ менависанд, тавсия дода мешавад. Дар он перомуни талабот ба иҷрои кори курсӣ, пешниҳоди мавзӯъҳо, вазифаҳои устоди роҳнамо ва донишҷӯ, ҳаҷми кори курсӣ, сохтор ва тартиби кори курсӣ, усули овардани иқтибос, тарзи навиштани

тақриз, ташкили дифоъ, баҳодиҳӣ ва таъини сарбории омӯзгор дар таҳияи кори курсӣ маълумотҳои мушаххас оварда шудааст.

**1.Талабот ба иҷрои кори курсӣ**

Кори курсӣ аз ҷумлаи шаклҳои назоратие маҳсуб меёбад, ки иҷрои он аз тарафи донишҷӯ ҳатмӣ мебошад. Барои ташкил ва назорати иҷрои кори курсӣ мудири кафедра мутасаддӣ мебошад. Мудири кафедра то оғози семестр (даври академӣ) рӯйхати пурраи омӯзгорони кафедраро, ки ҳуқуқи пешниҳоди мавзӯи кори курсиро доранд, тартиб дода, дар ҷаласаи кафедра омӯзгоронро вазифадор менамояд, ки номгӯи корҳои курсиро пешниҳод намоянд. Мавзӯъҳои дар ҷаласаи кафедра тасдиқшуда дар ҳафтаи аввали семестр барои интихоб ба ихтиёри донишҷӯён вогузор карда мешаванд. Барои интихоби мавзӯъ, ҳаҷму сохтор ва таркиби кори курсӣ як қатор талабот мавҷуд аст, ки риояи он барои мудирони кафедраҳо, омӯзгорону устодони роҳнамо ва донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

Теъдоди кори курсӣ барои ихтисосҳои бакалавриати Донишгоҳ бо муҳлати таҳсили 4 сола танҳо аз фанҳои тахассусӣ ба миқдори 2 адад муқаррар карда шудааст. Барои ихтисосҳои филологии муҳлати таҳсилашон 4 сола, аз қабили забон ва адабиёти тоҷик танҳо аз фанҳои ихтисос тавсия шудааст. Миқдори кори курсӣ барои ихтисосҳои ҳамгирои муҳлати таҳсилашон 5 сола 3 ададро ташкил медиҳад. Таҳияи кори курсӣ барои донишҷӯёни курси якум тавсия дода намешавад.

**1.1. Мавзӯъҳои кори курсӣ**

Дар заминаи супориши мудири кафедра омӯзгорони фаннӣ ҳар сол то оғози семестр номгӯи корҳои курсиро барои муҳокимаи ҷаласаи кафедра пешниҳод менамоянд. Барои мавзӯъҳои кори курсӣ талаботи зеринро риоя кардан шарт мебошад:

- мавзӯъҳо бояд мубрам ва муҳим бошанд;
- онҳо барои сайқал додани малакаву қобилиятҳои илмию эҷодии донишҷӯён мусоидат карда тавонанд;
- номгӯи мавзӯи корҳои курсӣ бояд ҳар сол дигар карда шаванд;
- такроран истифода бурдани мавзӯъҳо барои солҳои минбаъда манъ аст;
- мавзӯъҳо проблемавӣ бошанд ва донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш водор намоянд.
- мавзӯъҳо бояд хусусияти инноватсионӣ дошта, ифодагари набзи замон бошанд;
- омӯзгорони фаннӣ барои интихоби мавзӯъҳо бояд ҳар кадом аз соҳаи муайяни ихтисос ба кафедра ба миқдори на камтар аз 20 номгӯи мавзӯи кори курсӣ пешниҳод намоянд;
- мавзӯи корҳои курсӣ дар Шӯрои олимони факултет бо пешниҳоди мудири кафедра ҳар сол тасдиқ карда мешаванд;
- унвони мавзӯъҳо кӯтоҳу мӯҷаз ва фаҳмо бошанд;

- ба донишҷӯ як мавзӯи кори курсӣ супорида мешавад ва пас аз тасдиқ шудани он дубора гирифтани мавзӯъ манъ аст;

**1.2. Вазифаҳои устоди роҳнамо дар таҳияи кори курсӣ**

Ҳамаи омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ, ки собиқаи кории зиёда аз 5 соларо дар Донишгоҳ доро мебошанд, новобаста аз дараҷа ва унвони илмиашон ҳуқуқи роҳбарӣ ба кори курсиро доранд.

Мудири кафедра ҳар сол рӯйхати омӯзгорони кафедраро барои пешниҳоди мавзӯи кори курсӣ тартиб медиҳад. Дар заминаи мавзӯъҳои пешниҳодшуда барои омӯзгорони гуногундараҷа миқдори муайяни донишҷӯёнро вобаста мекунад.

Дар сурати зиёд будани теъдоди донишҷӯён ва мувофиқат накардан ба меъёрҳои низомномавӣ тибқи пешниҳоди мудири кафедра Ректори Донишгоҳ бо фармони худ метавонад ба он тағйирот ворид намояд.

Мудири кафедра мунтазам дар ҷаласаҳои корӣ рафти таҳияи корҳои курсиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар он ҳисоботи омӯзгорон шунида мешавад. Дар назди кафедра ҳар сол ҳайати Комиссияи дифои корҳои курсии донишҷӯёнро ба тасвиб мерасонад.

Бевосита дар рафти дифои корҳои курсӣ иштирок менамояд. Баҳои корҳои курсиро ба замимаи имтиҳонӣ гузаронида, нусхаҳои онро ба садорати факултет ва Шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ месупорад.

Қобилияти мустақилона навишта тавонистани кори курсиро таҳлил намуда, донишҷӯёни болаёқатро барои иншои рисолаи хатм ва ё кори дипломӣ тавсия медиҳад.

**1.3. Вазифаҳои донишҷӯ дар навиштани кори курсӣ**

Эдвайзери факултет дар ҷараёни танзими нақшаи инфиродии таълимии донишҷӯён тибқи талаботи нақшаи таълимии заминавӣ ба донишҷӯён дар курсҳои 2,3,4- ум дар семестри дахлдор зарурияти иншои кори курсиро мефаҳмонад. Донишҷӯён онро дар нақшаи инфиродии таълимии худ ворид менамоянд. Бо рӯйхати омӯзгорон ва мавзӯҳои кори курсӣ, ки мудири кафедра пешниҳод кардааст, шинос мешаванд ва озодона яке аз мавзӯъҳои омӯзгори кафедраро интихоб менамоянд ва ному насаби худро дар рости унвони мавзӯъ ва омӯзгори кафедра сабт мекунанд. Донишҷӯ вазифадор аст:

- аз лаҳзаи номнавис шудан фаъолияти худро барои иншои кори курсӣ сафарбар менамояд;
- мутобиқи реҷаи кории бо устоди роҳнамо маслиҳатшуда ҳафтае як маротиба доир ба натиҷаи иҷрои корҳои банақшагирифтааш ҳисобт медиҳад;
- тибқи талаботи техникӣ бо риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ кори курсиро таҳия ва дар муҳлати муқаррарнамуда то ҳафтаи 12-уми таълимии семестр ба омӯзгори роҳнамо пешниҳод намояд.

Омӯзгори роҳнамо пас аз номнавис шудани донишҷӯён ба мавзӯи кори курсии пешниҳодшуда бо онҳо суҳбати аввалинро доир мекунад. Дар он речаи кории худро бо донишҷӯён мувофиқа месозад. Масалан, дар рӯзи муайяни ҳафта як маротиба бо омӯзгор вохӯрдану оид ба корҳои ба сомонрасида шунидани ҳисоботи донишҷӯён кифоя аст.

Устоди роҳнамо аз оғози таҳияи кори курсӣ то анҷоми он ба донишҷӯёни вобасташуда масъалаҳои зарур ва тавсияҳо медиҳад.

Кори курсии донишҷӯро устод барои таҳрир қабул мекунад ва дар муддати 5 рӯз ба он ислоҳу тағйирот дароварда, мулоҳизаҳои худро дар тақриз дарҷ менаояд.

Устод ба фаъолияти илмӣ- тадқиқотии донишҷӯ, мустақилона ва эҷодкорона иншо шудани он, ба риояи талаботи техникӣ ва ороишӣ, ба мазмуну мундариҷа, ба техникаи таҳияи феҳристи адабиёт холисона баҳогузорӣ карда, корро ба дифоъ пешниҳод менамоя ва донишҷӯро ба дифои кори курсӣ омода месозад.

Устоди роҳнамо ҳуқуқи дар комиссияи дифои корҳои курсии назди кафедра аъзо будан ва ширкат карданро доро мебошад.Устоди роҳнамо ҳуқуқи мустақилона гузоштани баҳоро ба кори курсӣ надорад.

Ҳамчунин иҷрои матолиб ва муқаррароти зайл барои донишҷӯ ҳатмӣ мебошад:

- ҷамъ овардани маводи кор;
- тартиб додани нақшаи кори курсӣ;
- риояи талаботи техникӣ;
- иҷрои кор дар заминаи нақша;
- дуруст ҷобаҷогузории қисмҳо ва бобҳои кор;
- дуруст таҳия намудани феҳристи адабиёт;
- омода намудани маърӯза барои дифои кори курсӣ;
- ҷавобҳои аниқ гардонидан ба саволҳои комиссия;
- қоидаҳои иқтибосовариро риоя кардан;
- ба зуҳуроти рӯбардоркунӣ роҳ надодан.

### 1.4. Ҳаҷми кори курсӣ

Муайян намудани ҳаҷми кори курсии донишҷӯён яке аз ҳадафҳои асосии талабот ба иншои корҳои илмӣ- тадқиқотии таълимгирандагони макотиби олӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба хусусият ва доираи мавзӯъ барои ихтисосҳои Донишгоҳ ду навъи ҳаҷми кори курсӣ муқаррар гардидааст:

а) Ҳаҷми кори курсӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ- ҷамъиятӣ;
б) Ҳаҷми кори курсӣ барои ихтисосҳои табиӣ- риёзӣ.

Ҳаҷми кори курсӣ барои ихтисосҳои гуманитарӣ- ҷамъиятӣ бо назардошти муқаддима, хулоса ва феҳристи адабиёт на камтар аз 25 саҳифаи чопӣ ва на зиёдтар аз 30 саҳифаи дастнавис тавсия дода мешавад.

Барои ихтисосҳои табиӣ- риёзӣ ҳадди ақали миқдори саҳифаҳо на камтар аз 15 саҳифаи чопӣ ва на зиёдтар аз 20 саҳифаи чопии электронӣ ва то 25 саҳифаи дастнависро бояд ташкил диҳад.

Агар кори курсӣ дар шакли дастнавис ба анҷом расонида шавад, он бояд бо хати худи донишҷӯ навишта шуда, риояи талаботи меъёрҳои техникии таҳияи кори илмӣ ба назар гирифта шавад. Дар ин гуна мавридҳо кор бояд бо хати хонову зебо дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ бехато навишта шавад.

Тавзеҳ: агар донишҷӯ кори курсиро бе риояи талаботи дар боло гузоштащуда ба кафедра пешниҳод намояд, ба чунин кор барои дифоъ рухсат дода намешавад.

**1.5. Марҳалаҳои асосии таҳияи кори курсӣ**

Иншои кори курсӣ аз лаҳзаи интихоби мавзӯъ то дифои он ба тай намудани якчанд мароҳил вобастагӣ дорад. Донишҷӯ баъд аз номнавис шудан ба мавзуи пешниҳоднамудаи омӯзгор таҳияи кори курсиро ба накшаи инфиродии худ ворид менамояд. Омӯзгор якҷоя бо донишҷӯ нақшаи тақвимии корро бо назардошти марҳалаҳои зерин тартиб медиҳад:

Марҳалаи 1: тартиб додани нақшаи кори курсӣ - 3 рӯз;

Марҳалаи 2: таҳияи рӯйхати адабиёти илмии ба мавзӯъ алоқаманд ва мутолиаю конспекти онҳо- 3 ҳафта;

Марҳалаи 3: ҷамъоварии мавод ва таснифи он- 2-3 ҳафта;

Марҳалаи 4: дар асоси нақша иншо намудани кори курсӣ, таҳлилу ҷобаҷогузории мавод, муқоисаи афкор ва далелҳо, пешниҳоди нуқтаи назари худ. Пешниҳоди варианти аввали кор ба устоди раҳнамо- 4 ҳафта;

Марҳилаи 5: ба ҳимоя пешниҳод шудани кор- 5 рӯз;

Марҳилаи 6: баҳодиҳӣ ба сифати кори курсӣ дар ҳузури комиссия дифои кори курсӣтибқи ҷадвали тасдиқнамудаи кафедраҳо аз рӯи ҷадвалсурат мегирад.

**1.6. Сохтори кори курсӣ**

Пас аз интихоб ва тасдиқи мавзӯи кори курсӣ фаъолияти донишҷӯ барои иншои он оғоз меёбад. Устоди роҳнамо дар суҳбатҳои кории худ вазифадор аст, ки ба донишҷӯён оид ба сохтор ва қолаби кори курсӣ маълумоти муфассал диҳад. Сохтори асосии кор дар накшаи он бояд инъикос ёбад.

Барои он ки донишҷӯ мустақилона кори курсӣ навишта тавонад, ӯро зарур аст:

- ба умқ ва моҳияти мавзӯи кори курсӣ сарфаҳм равад;
- бо методҳои илмӣ- тадқиқотӣ бори дигар аз наздик шинос шавад;
- адабиёти илмии вобаста ба мавзуъро ба рӯйхат дароварда, онро як-як мутолиа ва конспект намояд;
- аз адабиёти илмӣ иқтибос гирифта тавонад;
- маводи заруриро ҷамъоварӣ карда тавонад;
- бо кӯмаки устоди роҳнамо маводро тасниф карда тавонад;
- феҳристи адабиётро аз рӯи алифбо тартиб диҳад;
- бо ёрии устоди роҳнамо накшаи мавзуъро тарҳрезӣ карда тавонад;

- хусусияти бахшҳо, моҳият ва мундариҷаи бобу фаслҳои мавзуъро фарқ карда тавонад;
- зимни иншои кори курсӣ дар иҷрои супоришҳои устоди роҳнамо масъулият ҳис кунад.

Сохтори кори курсӣ ба тариқи зайл аст:

Муқаддима

Бобҳои асосӣ (на камтар аз ду боб)

Хулоса

Феҳристи адабиёт

Дар заминаи сохтори мазкур донишҷӯ бо кӯмаки устоди роҳнамо нақшаи мавзӯъро тарҳрезӣ менамояд. Намунаҳои нақшаи кори курсӣ дар Замимаи №3 нишон дода шудааст.

## 2.Таркиби кори курсӣ ва мундариҷаи мухтасари бахшу бобҳои асосии он

Кори курсӣ шакли соддаи пешбурди кори илмӣ- тадқиқотии донишҷӯ маҳсуб ёфта, барои таҳияи рисолаи хатм (рисолаи дипломӣ) заминаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Вобаста ба сохтори кори курсӣ бахшҳои таркибии онро ба тариқи зайл тавсиф намудан мумкин аст:

**2.1. Муқаддима**. Ин бахши кори курсӣ дар асоси мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳои асосии кор навишта мешавад. Дар ин бахш оид ба масоили зерин маълумот дода мешавад:

- гузориши масъала;
- мубрамият ва муҳиммияти мавзӯъ;
- мақсад ва ҳадафҳои мавзӯъ;
- дараҷаи омӯхташудани кор;
- методҳои тадқиқ

Бахшҳои мазкурро ба тариқи зайл шарҳ додан мумкин аст:

- зимни гузориши масъала донишҷӯ дар кор таъкид мекунад, ки мавзуи мазкур ҳамчун проблема дар соҳаи тадқиқ ҷой дорад;
- ҳангоми кушодани моҳияти бахши мубрамият ва муҳимияти мавзуъ ӯ бо далелҳо исбот мекунад, ки таҳқиқи мавзуъ барои ҳалли ягон масъалаи муҳимми соҳаи илм (иҷтимоиёт, иқтисодиёт, сиёсат ва ғ.) мусоидат карда метавонад;
- дар бахши мақсад ва ҳадафҳои мавзӯъ донишҷӯ қайд менамояд, ки ҳалли кадом паҳлӯҳои проблемавии мавзуъро бевосита мустақилона худаш иҷро мекунад, ҳаҷми корро муайян менамояд;
- дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ дрнишҷӯ оид ба саҳми муҳаққиқони мавзӯъ дар кушоиши гиреҳҳои сарбастаи он бо овардани иқтибосҳои муҳим ва бо нишон додани манбаи фикр (муаллиф, номи асар, соли нашр, саҳифаи китоб) маълумот дода, баҳси илмӣ ташкил мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо ба ақидаи пажӯҳишгарони соҳа пайравӣ мекунад, дар ҳолатҳои дигар бо

андешаҳои онҳо розӣ нашуда, нуқтаи назари худро доир ба ҳалли мушкилоти гузошташуда пешниҳод месозад.

- дар бахши методҳои тадқиқ донишҷӯ вобаста ба хусусияти мавзуъ ба таври мушаххас бо истифодаи кадом роҳу усулҳои пажӯҳиш ба иҷрои масъалаи гузошташуда муваффақ шудааст, мулоҳизаронӣ мекунад.

Ҳаҷми муқаддимаи кори курсӣ бояд аз 5 саҳифаи чопӣ барои ҳама гуна навъи ихтисосҳо кам набошад.

**2.2. Қисми асосии кори курсӣ-** на камтар аз ду боб ё фасл ва на зиёда аз 4 боб ё фасл иборат бошад. Дар боб ё фасли аввал асосан проблемаҳои назариявии мавзуъ баррасӣ ва тасниф карда мешаванд. Мундариҷаи ин бахш имконият медиҳад, ки сатҳи дониши назариявии донишҷӯ муайян карда шавад.

Дар боб ё фасли минбаъда донишҷӯ роҷеъ ба баррасӣ ва таҳлили мавзуъ тариқи таҷрибагузарониҳои лабораторӣ, ҷустуҷӯ ва пажӯҳишҳо маълумоту натиҷаҳои заруриро молик мегардад. Ин қисмат хусусияти таҳлилӣ ва амалӣ дошта, иҷрои масъалаҳо аз нигоҳ ва мавқеи муаллиф ҳал мешаванд.

**2.3. Хулоса.** Муаллифи кори курсӣ пешниҳоди матолиберо, ки гузориши онро дар муқаддимаи мавзӯъ салоҳ медонад, дар бахши асосии кор онро баррасӣ, таҳлилу тасниф мекунад, натиҷаҳоро бо таҷрибаҳо исбот намуда, муқоисаву санҷиш мегузаронад ва дар қисмати хулоса ба иҷрои кадом корҳо муваффақ шудааст, изҳори андеша менамояд. Ҳаҷми хулоса вобаста ба корҳои иҷрошуда на камтар аз 2 саҳифаро бояд ташкил кунад.

**2.4. Феҳристи адабиёти истифодашуда**. Пас аз анҷоми бахшҳои асосии кори курсӣ феҳристи адабиёти истифодашуда ҷойгир карда мешавад, ки теъдоди саҳифаҳои он ба ҳаҷми кор шомил намешавад. Феҳристи адабиёт аз рӯи тартиби ҳарфҳои алифбо сохта мешавад. Насаби муаллифи китоб ё рисола пурра ва ҳарфи аввали номи ӯ бо гузоштани нуқта бо номи асар пурра оварда мешавад ва дар охири он нуқта мегузоранд. Сипас, ҷойи нашр ва номи нашриёт ҷой дода шуда, пеш аз макони нашр тире ва пас аз он ду нуқта гузошта шуда, номи нашриёт тибқи имло навишта мешавад. Минбаъд соли нашри асар ва миқдори саҳифаҳои он ҷой дода мешавад.

Дар таҳияи номгӯи адабиёти истифодашуда риояи меъёрҳои забони адабӣ, қоидаҳои имло ва пунктуатсия ҳатмӣ мебошад.

**Масалан**: Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.- -Душанбе: Маориф, 1983. -272 саҳ.

Агар асар муаллифи ягона надошта бошад ва ё аз тарафи гурӯҳи муаллифон иншо шуда бошад, дар ин гуна ҳолатҳо номи асар мутобиқи тартиби алифбо навишта мешавад. Чунончи:

Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. -356 саҳ.

Феҳрист бояд на камтар аз 15-20 номгӯйи адабиётро барои ихтисосҳои гуманитарӣ- ҷамъиятӣ ва на камтар аз 10-15 номгӯи адабиётро барои ихтисосҳои табиӣ- риёзӣ дар бар гирад.

Оид ба тартиби таҳияи феҳристи адабиёти истифодашуда нигаред ба замимаи №4.

**3. Меъёрҳои техникии таҳияи кори курсӣ**

Пешрафти босуръати технология ва компютеркунонии раванди таълим тақозо менамояд, ки омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳ дастовардҳои онро дар рафти таҳияи кори курсӣ истифода баранд. Омӯзгори роҳбалад зимни таҳияи кори курсӣ ба донишҷӯ моҳияти иҷрои дурусти талаботи техникиро мефаҳмонад ва кори тайёрро дар асоси меъёрҳои техникии пешниҳодшуда қабул мекунад. Ба меъёрҳои техникии таҳияи кори курсӣ инҳо шомил мешаванд:

- кори курсӣ дар варараќи шакли А- 4 тавассути принтер чоп карда шавад;
- он дар шакли таҳрири матнии Microsoft Word бо расмият дароварда шавад;
- кори курсӣ бо шрифти 14 Times New Roman Tj ва фосилаи яккаратаи байни сатрҳо навишта шавад;
- андозаи майдони ҷойгиркунии матн ба тариқи зайл бояд риоя шавад;

аз тарафи чап- 30 мм (3 см);
аз тарафи рост- 10 мм (1 см);
аз тарафи боло- 20 мм (2 см);
аз тарафи поён- 20 мм (2 см);

Саҳифаи аввали кори курсӣ унвонӣ ном дошта, он тибқи «Тартиби қабули санҷишу имтиҳонот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» дар шакли зери пур карда мешавад:

- унвони пурраи Донишгоҳ;
- унвони факултет;
- унвони кафедра ва ихтисос;
- унвони мавзуи кори курсӣ;
- ному насаб ва курси донишҷӯ;
- ному насаби пурраи омӯзгори роҳбалад;
- макон ва замони иншои кори курсӣ;
- чопи матн бояд дар шакли китобӣ сурат гирад;
- шакли қоғаз сафед бошад;
- сарлавҳа ва унвони бобҳо, фаслҳо, зерфаслҳо бояд бо ранги нимсиёҳ бо андозаи шрифти 16 навишта шавад;
- бахшҳои «Муқаддима», «Хулоса», «Феҳристи адабиёт» рақамгузорӣ карда намешаванд;
- пеш аз унвони бобҳо дар шакли 1,2,3… рақамгузорӣ карда шавад.

Фаслҳо дар шакли 1.1 (яъне: бобби1, фасли1); 1.2; 2.1; 2.2; 3.1; 3.2; 3.3… ва зерфаслҳо дар шакли 1.1.1; 1.1.2; 1.2.1; ва ғ. рақамгузорӣ карда шаванд;

- меъёри сархатгузорӣ бояд тибқи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ сурат гирад;
- варианти аввали кори курсӣ бояд дар муҳлати на камтар аз 3 ҳафтаи вақти барои дифоъ муқарраршуда ба омӯзгори роҳбалад супорида шавад;
- шакли таҳрирёфта ва тайёри кори курсӣ як ҳафта пеш аз дифоъ ба мудири кафедра бояд пешниҳод карда шавад;
- дар сурати мувофиқат накардани талабот ба ҳаҷми кори курсӣ, ҷиҳатҳои техникӣ ва ороиши кори курсӣ, мазмун ва мундариҷаи бахшҳо, бобу фаслҳо, микдори таъиншудаи адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методӣ омузгори роҳбалад кори курсии донишҷӯро барои дифоъ ҳуқуқи пешниҳод карданро надорад;

**4. Ташкили дифои кори курсӣ**

Бо мақсади холисона ва воқеъбинона баҳодиҳӣ кардан ба мазмуну мундариҷа ва сифати иҷрои кори курсӣ дар назди кафедраҳои тахассусӣ дар ҳайати 3 нафар комиссия ва ё аъзои кафедра таъсис дода мешавад. Дар ҳайати комиссия мудири кафедра ба ҳайси раис, як нафар омӯзгори бетараф ва устоди роҳнамои кори курсӣ ширкат карда метавонанд. Зимни баҳогузорӣ дар баробари сифати кор ва мазмуну мундариҷаи он ба донишу малакаҳои донишҷӯ дар вакти ҳимоя низ баҳо дода мешавад. Дар баҳодиҳӣ ба кори курсӣ ҳар як аъзои Комиссия ҳуқуқи мустақилона гузоштани баҳоро дорад. Котиби кафедра натиҷаи дифои кори курсии ҳар як донишҷӯро дар протокол дарҷ менамояд.

Донишҷӯ дар назди ҳайати Комиссия дар ҳаҷми 3-5 дақиқа доир ба мазмун ва мундариҷаи кори курсӣ гузориш манзур менамояд. Гузориш дар шакли чопӣ таҳия шуда, он баъд аз дифои кори курсӣ ба протокол замима мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки аъзои комиссия ба донишҷӯ пас аз шунидани маърӯза дар доираи мавзӯъ то 3 савол медиҳанд. Ба саволҳо донишҷӯ баяд ҷавоби қонеъкунанда, саҳеҳ ва асоснок дода тавонад. Роҳбари илмии кори курсӣ ҳуқуқи мустақилона гузоштани баҳоро надорад. Раиси комиссия пас аз арзёбии баҳои аъзои комиссия баҳои ҷамъбастиро эълон мекунад. Саволҳои додашуда ва сифати ҷавобҳо дар протокол дарҷ меёбад. Баҳои гузоштаи ҳар як аъзои комиссия ва баҳои ҷамъбастӣ низ дар ҳуҷҷати мазкур қайд карда мешавад. Дар протокол ҳайати комиссия имзо мегузоранд. Пас аз гузоштани имзо ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он манъ аст.

Қарорҳоеро, ки оид ба мазмуну муҳтавои онҳо миёни аъзои Комиссия баҳсу мунозира сар мезанад, ҳаллу фасли он ба ихтиёри ҷаласаи кафедра гузошта мешавад.

**5.Баҳодиҳӣ ба кори курсӣ**

Баҳои кори курсӣ ба замимаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ бо имзои ҳайати комиссия гузошта мешавад. Ҳамчунин баҳои кори курсӣ дар маълумотномаи академӣ (транскрипт) ва замимаи дипломи бакалавр ва магистр гузошта мешавад.

Ба корҳои курсии донишҷӯён баҳои тафриқавии «аъло», «хуб», «миёна», «бад» (ғайриқаноатбахш) гузошта мешавад. Барои донишҷӯёни гуруҳҳои кредитӣ эквиваленти ҳуруфӣ, холию рақамии баҳогузорӣ тавсия дода мешавад.

Баҳои «бад» (ғайриқаноатбахш) ба дафтари имтиҳонӣ, маълумотномаи академӣ (транскрипт) ва замимаи дипломи бакалаврӣ (магистрӣ) сабт намешавад. Донишҷӯёне, ки кори курсии онҳо ба баҳои «бад» натиҷагирӣ мешавад, барои ислоҳи камбудиҳои кор то 5 рӯз мӯҳлат дода мешавад. Пас аз бартараф намудани нуқсонҳои кор ҳимояи такрорӣ бо қарори кафедра ташкил карда мешавад.

Донишҷӯёне, ки кори курсии онҳо бо «бад» натиҷагирӣ мешавад, барои супоридани санҷишҳо ва имтиҳонот роҳ дода намешаванд. Омӯзгорони роҳбалад оид ба натиҷаи ҳимояи корҳои курсии шогирдон ба мудири кафедра ҳисоботи хаттӣ манзур менамоянд.

Фаъолияти комиссияи дифои кори курсӣ то охири ҳафта 15-уми таълимии семестр қабл аз оғози сессияи санҷишию имтиҳонӣ амалӣ када мешавад.

**6. Оид ба нигоҳдорӣ ва ҳифзи корҳои курсӣ**

Корҳои курсии дифоъшуда ба муддати то 2 сол дар кафедра нигоҳ дошта мешаванд. Дар кафедра таҳти роҳбарии мудири кафедра оид ба аз эътибор сокит кардани корҳо комиссия таъсис дода мешавад. Корҳои курсии беэътиборшуда бо санад ба бойгонӣ супорида мешавад. Дар бойгонӣ пас аз 5 соли нигоҳдорӣ шудан онҳо нобуд карда мешаванд.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Мактаби олӣ. Қисми аввал. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: ИТЭС, 2007. -526 саҳ.
2. Мактаби олӣ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: ҶДММ «Шинос», 2009. -360саҳ.
3. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,-Душанбе, 2013. -154 саҳ.
4. Низомномаҳои сохторҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, - Душанбе, 2012. -257 саҳ.
5. Низомнома оид ба тарзи таҳияи кори курсӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2013
6. Стандарти давлатии таълими таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Вазири маорифи Ҷухурии Тоҷикистон аз 19.06.2006, № 372.
7. Тавзеҳи фанҳои таълимии блокҳои якум ва дуюми нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006.
8. Тартиби ягонаи қабули санҷишу имтиҳонот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе , 2011.

**Замимаи №1**

Ба мудири кафедраи _____________
муҳтарам_______________________
аз номи донишҷӯи курси_________
факултети_______________________
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Ариза**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ман барои навиштани кори курсӣ дар мавзӯи_________________________________
_____________________________________________________________________
таҳти роҳбарии профессор (дотсент, мудири кафедра) _____________
____________________________________________________________________
иҷозат диҳед.

Таърихи рӯз___________________________
Ному насаби донишҷӯ_________________
Имзои донишҷӯ_______________________

**Замимаи №2**

**Намунаи варақаи унвонӣ**

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Факултети________________

___________________________

Кафедраи_________________

_________________________

Кори курсӣ

Мавзуъ:______________________________________________________
______________________________________________________________

донишҷӯи курси ____________________
ихтисоси ____________________________
____________________________________
(насаб ва ном)

Роҳбари илмӣ:______________________
____________________________________
____________________________________

Душанбе – 2013

**Замимаи №3**

**Намунаи нақшаи кори курсӣ**

Барои ихтисосҳои гуманитарӣ- ҷамъиятӣ- аз фанни адабиёти тоҷик:

**Мавзуъ: Хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Нақибхони Туғрал**

Нақшаи кор:

Муқаддима

1. Туғрал ва вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри 19 ва ибтидои асри 20.
2. Таҳлили ғоявии баъзе намунаҳо аз ғазалиёти Туғрал.
3. Хусусиятҳои бадеии ашъори Туғрал.

Хулоса

Феҳристи адабиёт

Намунаи нақшаи кори курсӣ аз фанни забони тоҷикӣ:

**Мавзуъ: Омонимҳо дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ**

Нақшаи кор:

Муқаддима

1. Маълумоти мухтасар оид ба масъалаи назарияи омонимҳо ва тафовути онҳо аз сермаъноӣ.
2. Хелҳои омонимҳо.
3. Истифодаи омонимҳо дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ.
4. Тафовут ва умумияти санъати таҷнис аз омонимия дар мисоли маҳорати суханварии Камоли Хуҷандӣ.

Хулоса

Феҳристи адабиёт

Намунаи нақшаи кори курсӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик

**Мавзуъ: Марзбандии миллию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна ва ташкилёбии ҷумҳуриҳои миллии шӯравӣ**

Нақшаи кор:

Муқаддима

1. Зарурият ва заминаҳои асосии марзбандии миллию ҳудудӣ.
2. Марзбандии миллию ҳудудии соли 1924 ва ташкилёбии ҷумҳуриҳои миллӣ
3. Оқибатҳои марзбандии миллию ҳудудӣ ва норасиҳои он

Хулоса

Феҳристи адабиёт

Намунаи нақшаи кори курсӣ аз ихтисосҳои табиӣ- риёзӣ аз фанни химияи органикӣ ва биологӣ

**Мавзуъ: Карбогидратҳо**

Нақшаи кор:

Муқаддима

1. Таснифоти умумии карбогидратҳо.
2. Усулҳои ҳосил кардани карбогидратҳо.
3. Хосиятҳои физикавӣ ва химиявии карбогидратҳо.
4. Соҳаҳои истифодабарии карбогидратҳо.

Хулоса

Феҳристи адабиёт

Намунаи нақшаи кори курсӣ аз фанни физикаи умумӣ

**Мавзуъ: Гармогузаронии газҳо вобаста ба ҳарорат**

Нақшаи кор:

Муқаддима

1. Маълумоти умумӣ оид ба гармогузаронӣ.
2. Гармогузаронии газҳо вобаста ба ҳарорат.
3. Натиҷаи таҷрибавии гармогузаронии газҳо вобаста ба ҳарорат
4. Ҷамъбасти натиҷаҳои гармогузаронии газҳо вабаста ба ҳарорат

Хулоса

Феҳристи адабиёт

**Замимаи №4**

**Намунаи тақризи омӯзгор ба кори курсӣ**

**Тақриз**

Ба кори курсии донишҷӯи курси ________________________________

факултети ______________________________________________________

ихтисоси _______________________________________________________

________________________________________________________________

(ному насаби пурраи донишҷӯ)

дар мавзуи _____________________________________________________

________________________________________________________________

Донишҷӯ_________________________________________________________

кори курсиро дар асоси нақшаи матраҳшуда таҳия намуда, дар муҳлати муқарраргардида ба роҳбари илмӣ супоридааст.Мундариҷаи кор ва фаслҳои он пурра мебошад. Талабот ба сохтор ва таркиби кори курсӣ, меъёрҳои техникӣ риоя гардида, аён аст, ки зимни иншои кор донишҷӯ аз адабиёти зиёди илмӣ ва таълимию методӣ истифода бурдааст. Маводи ҷамъоваришуда дуруст тасниф шуда, таҳлилу муқоисаҳо низ дар сатҳи зарурӣ дуруст сурат гирифтааст. Қоидаҳои иқтибосгирӣ ва иқтибосовариро то ҳадди имкон риоя кардааст. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ боиси то ҷойе коҳиш ёфтани ҳусни кор гардидааст. Ин ҷиҳат дар таҳияи феҳристи адабиёт низ ба чашм мерасад.

Кори курсӣ дар ҳамин шакл барои дифоъ ба комиссия пешниҳод карда шуд.

Устоди роҳнамо__________ ___________________

(имзо) (ном ва насаби устод)

«________» _____________ соли 20 _______________

**Замимаи №5**

**Суратҷаласаи № ____**

Ҷаласаи ҳайати Комиссияи дифои кори курсӣ дар кафедраи ________________________________________________

аз «____»_______ соли 2013

Иштирок доштанд:

Раиси комиссия:_________________

Аъзои комиссия 1. _______________

2._______________

Котиби кафедра__________________

**Шунида шуд:**

Гузориши донишҷӯи курси ___, гуруҳи _____ихтисоси______________

_________________________________________________________

(ном ва насаб)

оид ба фишурдаи мазмун ва мундариҷаи кори курсӣ дар мавзуи _________________________________________________________

_________________________________________________________

Ба донишҷу саволҳои зерин дода шуд:

1.______________________________________________________

2.______________________________________________________

3.______________________________________________________

Ҷавобҳо саҳеҳ ва қонеъкунанда буданд: _________________________

Ҷавобҳо қисман дуруст буданд:__________________________________

Ҷавобҳо нодуруст буданд: ______________________________________

Баҳои ҳайати комиссия ба сифати кори курсӣ, мазмун ва мундариҷаи он, риояи талаботи техникӣ, имло ва тартиби нигориши феҳристи адабиёт чунин аст:

Раиси комиссия: _________________

Аъзои комиссия 1. _______________

2._______________

Баҳои ҷамъбастии ҳайати комиссия ба дифои кори курсӣ___________

Раиси комиссия:_______________________ (ном ва насаб, имзо)

Аъзои комиссия 1. _____________________(ном ва насаб, имзо)

2.______________________(ном ва насаб, имзо)

Котиби комиссия ______________________(ном ва насаб, имзо)

**Замимаи №6**

**Намунаи таҳияи феҳристи адабиёт**

Феҳристи адабиёт


1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 12. Луғати ниммтафсилӣ барои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975. -363 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 13.- Душанбе: Ирфон, 1978. -432 с.
3. Алимӣ Ҷ. Топонимика.- Душанбе, 1995. -43 с.
4. Андреев М.С Таджики долины Хуф, вып.1.- Сталинобод,1958.-27с.
5. Бердиев Б. Ромитские говоры таджикского языка. //Автореф. на соиск. канд. фил. наук.- Душанбе,1979. -22 с.
6. Бурҳонова Ҳ. Оид ба лексикаи кулолӣ. //Забоншиносии точик, - Душанбе: Дониш,1984, с. 46- 47.
7. Вазирова Х. Калимаҳои арабӣ дар таркиби лексикаи Ванҷ Забоншиносии тоҷик.- Душанбе: Дониш, 1976, с.122-126.
8. Ғаффоров Р. Калимаҳои антонимӣ ва хусусиятҳои онҳо. Мактаби Советӣ, 1977, №2, с. 25-27.
9. Ғаффоров Р Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ,ҷилди 3.- Душанбе: Дониш, 1979. -271 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1. Лексикология, фонетика ва морфология, китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ.- Душанбе: Ирфон, 1973. -451 с.
11. Зайниддинова З. Терминҳои « падар » ва « модар » дар шеваҳои Ленинободу Конибодом.Масъалаҳои шевашиносии тоҷик, ҷ. 1.- Душанбе: Дониш, 1970, с.189-191
12. Исмоилов Ш. Баъзе хусусиятҳои лексикаи зарф дар шеваҳои Қаротегин.// Масъалаҳои забони тоҷикӣ, маҷмуаи млмии ИДП ш. Душанбе.- Душанбе, 1978, с. 88-92.
13. Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. – Душанбе, 1994, с. 45- 48.
14. Кабиров Ш. Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ.- Душанбе: Маориф, 1992. -234 с.
15. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: УДТ, 1967. -185 с.
16. Маҳмудов М., Ҷураев А. Луғати шеваҳои ҷанубӣ (макети ҳарфи Д). -Душанбе: Дониш, 1971. -75 с.
17. Маҳмудов М. Лаҳҷаҳои тоҷикони райони Китоб. - Душанбе: Дониш, 1979. -279 с.
18. Маҷидов Ҳ. Антонимҳои луғавӣ.// Маърифат, №1-2, 2000,с.17-20.
19. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Сталинобод, 1959. -277 с.
20. Муҳаммадиев М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе: Маориф, 1975. -245 с.

Ба чопаш 14.з12.2013 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60x84 1/16. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 1,25. Адади нашр 100 нусха
Супориши № 108

Матбаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
хиёбони Рӯдакӣ, 121.